USAID
АЗ МАРДУМИ АМРИКО

# Фоидаи синамаконӣ

Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон





## Барои кӯдак:

Шири модар ғизои табиист ва барои донову солим ба воя расидани кӯдак беҳтарин ғизо аст. Шири модар тамоми маводи ғизоии заруриро мувофиқи синну соли кӯдак таъмин мекунад. Кӯдакро аз бемориҳои сироятӣ, аллергия, камхунӣ ва қадпастӣ муҳофизат мекунад. Шири модар ба осонӣ ҳазм мешавад.



## Барои модар

Синамаконии бармаҳал аз хунравии пас аз таваллуд пешгирӣ мекунад; паст шудани хавфи ҳамли номатлуб дар давраи синамаконӣ; зудтар баргаштани вазн ба ҳолати муқаррарии пеш аз таваллуд; муҳофизат аз бемориҳои устуғон, фарбеҳӣ, саратони ғадуди сина ва бачадон; меҳру муҳаббат дар оила, бо падар зиёд мешавад.



## Барои буҷаи оила

Шири модар ғизои табиӣ ва доимо дастрас аст; он маблағи зиёдати талаб намекунад; хариди шири сунӣ лозим нест; доимо дастрас ва барои омода кардан вақт талаб намекунад.



## Барои табиат

Шири модар на танҳо барои кӯдак ва модар, балки барои муҳити атроф ҳам бехатар аст. Шири модар бидуни коркарди иловагӣ, консервантҳои кимиёвӣ, баста-банд ё партовҳо ба кӯдаки шумо дода мешавад.

Шири модар кӯмак мекунад, ки кӯдаки шумо аз рӯзи аввали ҳаёт мисли аз «донаи гандум то ба кулча» солим ва доно ба воя расад.






Шири аввалин - аз сабаби ранги зардаш моеъи тиллоӣ номида мешавад. Шири аввалин ғафс аст, ки дар давраи ҳомиладорӣ ва фавран пас аз таваллуд пайдо мешавад. Ин шир аз маводи ғизоӣ хеле бой аст ва дорои хусусиятҳои муҳофизатӣ аз бемориҳои сироятӣ мебошад.

Ҳангоми синамаконӣ байни модару кӯдак робитаи зич барқарор мешавад, кӯдак камтар гиря мекунад, зуд инкишоф меёбад. Дар оилае, ки модар фарзандашро шири модар медиҳад, фазои меҳру муҳаббат, ва ҳамдигарфаҳмӣ ҳукмфармост.

